# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Бузургони илму адаб камолоти инсонро дар андӯхтани илму маърифат, касбу ҳунар, худшиносиву худогоҳӣ ва дорои тарбияи солиму дуруст будани ӯ медонанд. Аммо дар ин раванд таҳаммулпазирӣ намунаи хислатҳои наҷиби инсонӣ маҳсуб ёфта, тавозуни байни гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа, намояндагон дину мазҳабҳои гуногун ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоиро идора мекунад. Он, ҳамун унсури асосии демократия ва ҳуқуқи инсон мавқеи фаъолонаи шахсро дар зиндагӣ пешбинӣ мекунад. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна, ки ба таҳқиқи масъалаҳои тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии муҳассилини синфҳои V-VII дар заминаи таълими осори классикони форсу тоҷик бахшида шудааст, басо мубрам маҳсуб ёфта, дар доираи муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқшавандаро асоснок намуда, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳо, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо, методҳои таҳқиқотро мушаххас намуда, ҳамзамон, навоварӣ, аҳамияти назарияву амалӣ, асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшавандаро мантиқан дуруст пешниҳод намудааст.

Дар боби якуми рисола (“Асосҳои педагогиву психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ ва нақши он дар тарбияи хонандагони синфҳои V-VII”) ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазириро дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва осори муҳаққиқони соҳа; таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологиро роҷеъ ба мавзуъ; инъикоси ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар барнома ва китоби дарсӣ, зарурат ва аҳаммияти амалии татбиқи технологияи навини таълиму тарбия ва воситаҳои муосири амалигардонии чунин равандро таҳқиқ ва хулосабарорӣ намудааст.

Дар боби дуюм – “Вижагиҳои педагогии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII” – масъалаҳои ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар асоси осори пандуахлоқии ниёкон зимни таълими фанни адабиёти тоҷик дар раванди

хониши адабӣ мавриди таҳқику баррасӣ қарор гирифтааст. Хусусан, аз натиҷаи озмоишҳои муқарраркунӣ ва таълимии дар асоси ҷавобҳои 175 нафар хонанда, ки аз шаш муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Спитамен ва Ҷаббор Расулови вилояти Суғд таъсиснамудаи диссертант бармеояд, ки татбиқи амалии мероси ниёкон бобати тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон комилан имконпазир аст.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки унвонҷӯ зимни таҳлили теъдоди зиёди адабиёти педагогӣ, равоншиносӣ ва методӣ, коркарди маводи зарурӣ ҷиҳати ташкили машғулиятҳои синфӣ ва чорабиниҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳои фарҳангӣ ва монанди инҳо ба ҳалли мақсаду вазифаҳои пешгузоштаи хеш даст ёфтааст. Инчунин, дар рисола шарҳу тафсири намунаҳо аз осори манзуму мансур ва пешниҳоди матнҳои адабии иловагӣ бо мақсади такмили маводи китобҳои дарсӣ ва, зиёда аз ин, тавсияҳои мушаххасу дақиқ бобати самаранокии корҳои таълимиву тарбиявии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ басо муҳим арзёбӣ гардидаанд.

Қисмати хулоса натиҷаҳо ва бардоштҳои мушаххаси муаллифро аз муҳтавои умумии таҳқиқот ва озмоишҳои педагогии таъсисдодаи ӯ фаро мегирад. Ин нукта моро ба чунин хулоса меоварад, ки он ҳама натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои мушаххаси назариявӣ ва асосноккунии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола дар сатҳи зарурӣ анҷом пазируфтаанд, аз арзиши баланди илмии кор дарак медиҳанд.

Баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, дар кор, ба назари мо, баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки таҷдиди назарро талаб мекунанд:

1. Агар усулҳои муосири тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни адабиёти тоҷик боз ҳам батафсилтар пешниҳод карда мешуд, арзиши илмӣ-методии корро боз ҳам меафзуд.

2. Ислоҳи баъзе хатоҳои грамматикӣ, ки дар кор ҷо-ҷо ба назар мерасанд, барои боз ҳам беҳтар шудани сифати он мусоидат менамуд.

Аммо ин камбудиҳои таъкидшуда ҳаргиз арзишу сифати таҳқиқотро кам намекунанд ва ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсир нахоҳанд расонд.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" аз лиҳози банду баст, сохтор, истифодаи методи таҳқиқ, роҳҳои

гузаронидани озмоиш, мазмуну муҳтаво ба талаботи Комиссияии олии аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаалифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забонҳои
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Қ.Т.

24.01.2023

**Маълумот барои тамос:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б.Ғафуров хонаи 46/3, ҳуҷраи 26
Тел. +992918664708

Имзои Қ.Т.Хоҷаевро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкорӣ Ҷураев Ш.